# ПРОТОКОЛИ №8

## ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

14.03.2024 соати: 10:00

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ., Маҳмудов И.Т., д.и.ҳ. профессорон Искандаров З.Ҳ., Мирзамонзода Х.М., дотсентон Баҳриддинзода С.Э., Абдуллозода П.С., Раҳимзода М.С., Ҷалолов Х.Ғ., м/к Фозилов Н.Н., Негматов Б.С., Шоқулова С.И., ассистентон Авзалов А.Х., Исоев К.М., Раҷабов А.Н., Ғанизода У.Ғ., Собиров М.Ш., Зиёвaддинов И.И., мудири кабинет Охунова Н.Ш.

**Иштирок надоштанд:** м/к Хоҷаева Н.Б. ва Сафиева М.С.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

**2. Оид ба муҳокимаи диссертатсияи Собиров Мирали Шералиевич дар мавзуи “Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (роҳбари илмӣ: н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т.).**

Раисикунандаи ҷаласа, дотсент Бахриддинзода С.Э.: Тавре ба ҳамагон маълум аст ассистенти кафедра Собиров М.Ш. аз соли 2018 ҳамчун ассистент ба кор қабул шуда, таҳқиқоти диссертатсионии худро зери роҳбарии н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. гузаронида, ба анҷом расонидааст. Зимнан бояд зикр намуд, ки дар кафедра маълумотномаи унвонҷӯ ва хулосаи мусбии роҳбари илмии унвонҷӯ н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т. ворид гардидааст. Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба яке аз принсипҳои муҳим ва калидӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ – эҳтимолияти бегуноҳӣ бахшида шуда, тавассути он роҳу восита, мушкилот, амалия ва дурнамои инкишофи он

мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз унвонҷӯ Собиров М.Ш. хоҳиш карда мешавад, ки оид ба мубрамияти мавзуи тадкикот суханронӣ намояд.

Унвонҷӯ Собиров М.Ш.: Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ яке аз принсипҳои муҳимми мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб ёфта, бевосита кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Муаллиф зимни пажуҳиш такя ба осори васеи илмии олимони ватаниву хориҷӣ намуда, ҳамчунин аз санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ ба таври фаррох истифода намудааст. Гузашта аз ин, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии КМҶ давлатҳои узви ИДМ ба мукаммал гардидани кори тадқиқотии мо ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Гузашта аз ин, муаллиф оид ба нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва муҳтавои диссертатсия андешаҳои худро баён намуд.

Дар ҷараёни музокира аз ҷониби профессор Искандаров З.Ҳ. ва дотсент Раҳимзода М.С. саволҳо пешниҳод шуданд. Унвонҷӯ ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас гардонид.

Дар идомаи муҳокима роҳбари илмӣ – н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т., инчунин муқарризони диссертатсия д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ., д.и.ҳ, дотсент Абдуллозода П.С. ва н.и.ҳ., дотсент Раҳимзода М.С. оид ба паҳлуҳои гуногуни диссертатсия ва баъзе камбудиҳои ҷойдошта, ки дар рисола ба назар мерасиданд, андешаҳои худро баён намуда, дар ин баробар, барои боз ҳам мукаммал гардидани он пешниҳоду тавсияҳои судманд намуданд. Зикр гардид, ки рисола дар сатҳи баланди илмӣ омода шуда, ба ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Вазифаҳои гузошташуда ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок мебошанд. Дар умум, пешниҳод гардид, ки рисола барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионӣ тавсия карда шавад.

Аз рӯи ҳолатҳои ҷойдошта ва ба эътибор гирифтани пешниҳоду таклифҳо аз ҷониби муқарризон иброзгардида, кафедра:

**Қарор кард:**

1. Диссертатсияи Собиров Мирали Шералиевич дар мавзуи "Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳқиқоти

илмии соҳавии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудан ба дараҷаҳои илмӣ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Собиров Мирали Шералиевич дар мавзуи "Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таъмини амалӣ намудани он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

3. Унвонҷӯ Собиров Мирали Шералиевич вазифадор карда шавад, ки дар мухлатҳои муайяншуда маводҳои зарурии худро ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

**Раисикунандаи ҷаласа,**
**н.и.ҳ., дотсент,** **Баҳриддинзода С.Э.**

**Котиби ҷаласа: мудири кабинети кафедраи**
**ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ** **Охунова Н.Ш.**

**Имзои Баҳриддинзода С.Э. ва Охунова Н.Ш. - ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

14.03.2024

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 907702120